Ба Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА.030
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ
## ба автореферати диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)

Мавзӯи аз ҷониби Қаландаров К.Қ. таҳқиқгардида масъалаи хеле мубрам ва саривақтӣ мебошад. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди демократикунонии ҷомеа то ба ҳол ба таври комил таҳлилу таҳқиқ нашудааст. Гарчанде баъзе аз олимони ватанӣ дар бораи падидаи мазкур китобҳою мақолаҳои илмӣ таълиф намуда бошанд ҳам, то ҳол масъалаҳое вуҷуд доранд, ки бояд пайваста аз онҳо думболагирӣ кард, то ин ки хусусиятҳои системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози илмӣ нишон дода шаванд. Аз он хотире, ки ҳоло ҳам масъалаҳои ҳалнашуда дар назария ва амалияи сиёсӣ вобаста ба масъалаи мазкур вуҷуд доранд, омӯзиш ва таҳлили паҳлуҳои мухталифи системаи сиёсӣ дар замони муосир аҳамияти бештари илмию амалиро ба худ касб намудааст.

Дар таҳқиқоти муаллиф системаи сиёсии ҷомеа ҳамчун воқеияти объективӣ дониста шуда, таҷассумгари соҳаи сиёсат дар шакли том ва яклухт, ва дар маҷмӯъ, ифодагари баҳамтаъсиррасониҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба амалишавии ҳокимияти сиёсӣ дониста мешавад. Чунин воқеияти объективиро муаллиф дар заминаи таҳлилу баррасии назарияҳои сиёсӣ муайян кардааст. Муаллиф ташаккулёбии системаи сиёсиро аз устуворӣ ва самаранокии унсурҳои таркибии он вобаста намуда, дар асоси методи функсионалию сохторӣ нақш ва мавқеи унсурҳои таркибии системаи сиёсии ҷомеаро нишон додааст. Ба андешаи муаллиф дар байни ҳамаи унсурҳои мавҷуда давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули системаи сиёсӣ нақши меҳварӣ мебозанд. Чунин ҳолат дар шароити системаи сиёсии демократӣ боз ҳам возеҳу равшан намудор мегардад.

Аз он сабабе, ки системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти демократӣ дорад, ин ҷиҳатро муаллиф бо таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои

меъёрию ҳуқуқӣ нишон дода, рушди тадриҷии онро дар мисоли равандҳои сиёсии Тоҷикистон муайян намудааст. Дар ҳақиқат демократикунонии ҷомеа ва рушди ниҳодҳои демократии ҷомеа яке аз равандҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, ки онҳо асосан ба таъмини устувории системаи сиёсии Тоҷикистон нигаронида шудаанд. Чунин масъалаҳо дар таҳқиқоти муаллиф пурра ба инобат гирифта шудаанд.

Мубрамияти мавзӯъ, сатҳи омӯзиши он дар илмҳои сиёсии ватанӣ ва мазмуну мундариҷаи таҳқиқот имкон медиҳанд, ки навоварии муаллифро ҳамчун таҳқиқоти маҷмӯии ба омӯзиши системаи сиёсӣ бахшидашуда муаррифӣ намоем. Аммо дар баробари ин муаллиф тавонистааст, ки як қатор масъалаҳои марбут ба ташаккулёбии системаи сиёсии Тоҷикистонро бо диди нав таҳлилу баррасӣ намояд.

Эътимоднокии натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо адабиёти илмии истифодашуда асоснок карда мешавад. Муаллиф дар диссертатсияи худ доираи васеи адабиёти илмии ба мавзӯъ дахлдоштаро истифода намуда, масъалаҳои дар боло номбаргардидаро баҳои воқеӣ додааст. Аз ин рӯ, ҷанбаҳои назариявии мавзӯи барои таҳқиқ интихобшуда хеле хуб баррасӣ шудааст. Инчунин методҳои илмии истифодашуда низ барои омӯзиши мавзӯъ ва амалӣ намудани мақсади таҳқиқот мувофиқ мебошанд. Методҳои илмии истифодашуда ба муаллиф имкон додаанд, ки заминаҳои асосии ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, марҳилаҳои асосии он ва дурнамои рушди минбаъдаи системаи сиёсии кишварро муайян намуда, омилҳои гуногуни таъсиррасон ба ин равандро нишон диҳад.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои муаллиф аҳамияти назариявию амалӣ доранд. Таҳқиқоти анҷомёфтаро ҳангоми баррасии минбаъдаи масъалаи системаи сиёсии ҷомеа метавон истифода кард. Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии муаллиф дар омӯзиши шаклгирии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва рушди минбаъдаи он муҳим ба назар мерасанд. Инчунин хулосаву натиҷагириҳо ва пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва инчунин, институтҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди истифода қарор гирифта метавонанд. Илова бар ин, муқаррароти кори илмӣ ва натиҷаҳои он дар таълими фанҳои мухталиф, аз ҷумла сиёсатшиносӣ, сиёсатшиносии амалӣ, сиёсатшиносии муқоисавӣ ва курси махсуси системаи сиёсии Тоҷикистон метавонанд истифода шаванд.

Муаллиф ҳангоми омӯзиши мавзӯи диссертатсия доираи васеи адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо, инчунин дар заминаи таҳлили равандҳои сиёсии ҷомеа моҳият ва хусусият, раванди ташаккулёбӣ ва марҳилаҳои асосии рушди системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди

омӯзиш қарор дода, ҷиҳати рушди минбаъдаи он тавсияҳои худро пешниҳод намудааст.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти илмии Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) ба омӯзиши яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон бахшида шуда, таҳқиқоти мукаммал ва анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Сохтори таҳқиқот ва муҳтавои асосии он ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти муҳтавои асосии автореферат ва аз рӯи интишороти муаллифи он гуфтан мумкин аст, ки Қаландаров Кароматулло Қаландарович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) сазовор мебошад.

Муродов Субҳонҷон Абдуқодирович,
номзади илмҳои сиёсӣ,
мудири шуъбаи сиёсатшиносии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

Имзои С.А. Муродовро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ
Давлатмуродзода Б.Д.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 33.